# Мавзӯи 5: Сомона ҳамчун моликияти зеҳнӣ

## Таносуби моликияти зеҳнӣ ва технологияҳои рақамӣ

Мафҳуми моликияти зеҳнӣ дар моддаи 1125-и КГ ҶТ муқаррар шудааст. Моликияти зеҳнӣ ин ҳуқуқҳои молумулкӣ ва (ё) ғайримолумулкии шахсӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои граждании, фардикунонии маҳсулот, корҳо ё хизматрасонии иҷрошаванда (воситаҳои фардикунонӣ) ва ҳамчунин объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда мебошад. Дар ин мафҳум ду падидаи асосии бо якдигар алоқаманд дида мешавад: **1)** натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ; **2)** ҳуқуқ ба он натиҷаҳо.

Вақте моликияти зеҳнӣ мегӯем, мардум ҳамон натиҷаи фаъолияти зеҳниро дар назар доранд. Аммо ҳуқуқшиносон ба натиҷаи фаъолияти эҷодӣ ҳуқуқҳои муайянро муқаррар кардаанд, ки онҳо (натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ) маҳз тавассути ҳуқуқҳо хосияти молӣ пайдо мекунанд. Агар ҳуқуқ набошад, асари шахсро ҳар кас бе пурсиш истифода кардан гирад, пас муаллиф чӣ гуна метавонад асарашро ба ивази ҳаққи қалам ба дигар кас барои тарҷума ва нашр иҷозат диҳад? Маҳз ҳуқуқ аст, ки пеши роҳи дигаронро банд мекунад, то ин ки онҳо бе пурсиш ва бе пардохти подош асари муаллифро истифода набаранд.

Моликияти зеҳнӣ бо технологияҳои рақамӣ алоқаи зич дорад. Пеш аз ҳама тамоми технологияҳои рақамӣ худашон натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ мебошанд. Баъдан онҳо бе барномаҳо (нармафзорҳо)-и махсус кор намекунанд.

Вақте мо компютер харида, ҳуқуқи моликият ба онро пайдо менамоем, компютер худ ба худ кор намекунад. Дар компютер барномаҳои МЭҲ-ро (махсусан нармафзорҳоро) насб намуда, онро ба кор медароранд. Ин нармафзорҳо натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ буда, соҳиб доранд ва аз онҳо бояд иҷозати истифодаи нармафзор гирифта шавад. Масалан, Microsoft Word, Google Chrome, Gimp ва ғ. нармафзорҳоро қариб ҳар рӯз мо истифода мебарем.

Ҳамагӣ компютерро мехарем, аммо бисёре аз мо ба харидани нармафзор одат накардаем. Муносибати мардум ба нармафзор чунин аст:

1) иддае аз мардум, махсусан роҳбарони ташкилотҳо ҳатто дарак надоранд, ки дар компютерҳои ташкилоташон нармафзорҳоро ғайриқонунӣ истифода мекунанд. Онҳо аслан дар бораи моликиятҳои гуногуну мустақил будани компютер ва нармафзор маълумот надоранд;

2) иддаи дигари мардум дар бораи ду моликияти гуногун ва мустақил будани компютер ва нармафзор маълумот доранд, аммо компютер мехаранд, нармафзорро не, барои он ки онҳо фикр мекунанд, нусхаи нармафзоре, ки барои онҳо дастрас аст (бепул - ғайриқонунӣ) басанда аст ва зарур нест, ки пул дода онро харидорӣ намоянд, яъне талаботи қонунро сарфи назар менамоянд.

3) иддаи сеюми мардум аз рӯи виҷдон ҳам компютер ва ҳам нармафзор мехаранд.

Яке аз сабабҳои риоя нашудани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба нармафзорҳо агар сарфаҳм нарафтани он бошад, дигар сабаб он аст, ки ҳама имкони харидани нармафзорҳоро надоранд. Аммо ҳар ду сабаб ҳам, далел барои ғайриқонунӣ истифода кардани нармафзор шуда наметавонад.

Зеро роҳи алтернативӣ вуҷуд дорад, ки нармафзорҳо бо тариқи қонунӣ ва ройгон истифода шаванд. Бо ҳамин мақсад, мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) қайд менамоянд, ки истифодаи дурусти барномаҳои кушодаасос (НОКА) барои таъмини бехатарӣ, аз барномаҳои компютерии пулакӣ (масалан, Microsoft) кам нестанд[1]. Мутахассисони ватанӣ низ истифодаи барномаи кушодаасосро (НОКА[2]) тавсия медиҳанд. Агар ин тавсияро аз лиҳози ҳуқуқӣ таҳлил намоем, пас ба хулосае омадан мумкин аст, ки истифодаи НОКА роҳи пешгирии қонунвайронкунӣ дар соҳаи ТИК буда, аз тарафи дигар барои таъмини бехатарии иттилоотӣ низ мусоидат менамояд. Яъне, яке аз роҳҳои таъмини риояи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (аз ҷумла барномаҳои компютерӣ) ин истифода аз НОКА мебошад. Зеро НОКА ройгон буда, барои мутобиқнамоӣ ба ниёзҳои истифодабаранда имконият медиҳад.

## Ҳуқуқи муаллиф ба сомона

Қисмати асосии интернет аз сайтҳо иборат аст. Сайтҳо мазмуни интернетро ташкил медиҳанд. Аз ҳамин сабаб сайт худ натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ аст.

Дар қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, № 344 мафҳуми веб-сомона ё сомонаи интернетӣ (минбаъд - сомона) чунин муайян гардидааст: маҷмӯи ба ҳамдигар алоқаманди захираҳои иттилоотии онлайние, ки барои азназаргузаронӣ тариқи шабакаи коммуникатсияҳои электронӣ ба воситаи барномаи махсус - веб-шореҳ пешбинӣ гардидааст.

Сомона аз веб-сомона бо он фарқ менамояд, ки аввал худи сомона офарида мешавад, баъдан вақте ки он ба интернет пайванд карда шуд, пас онро веб-сомона меноманд. Бисёр вақт сомона ва веб-сомона ҳаммаъно истифода мешавад. Дар умум вақте сайт ё сомона мегӯянд он сомонаеро дар назар доранд, ки ба интернет пайванд шудааст.

Яъне сомона ин маҷмӯи захираҳои иттилоотие, мебошад, ки тавассути интернет ва барномаҳои махсуси компютерӣ ба онҳо дастрасӣ пайдо мегардад. Вобаста ба сомона якчанд субъектон амал мекунанд, аз ҷумла соҳиби сомона, соҳиби домен ва соҳиби хост – сервер. Байни ин субъектон шартнома баста мешавад.

---

[1] Михаил Рамендик. Безопасность компьютерных систем Microsoft и Open Source. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.nestor.minsk.by/sr/2003/07/30711.html (санаи муроҷиат: 21.01. 2021).
[2] Силсилаи дастурҳо барои ТКР барои ҷавонон. -Душанбе, 2012. - С. 65.

Масалан, домени www.tguk.tj сайти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро муаррифӣ менамояд, ки он дар сервер-хости муайян ҷойгир шудааст.




Шакли ҳамкории субектҳо доир ба сайт

Дар аксари ҳолатҳо, сайт натиҷаи муносибати ҳадди аққал 4 субъект мебошад. Субъекте ки мехоҳад дар интернет вебсайт дошта бошад, бо созандаи он дар бораи таъсиси вебсайт шартнома мебандад. Баъдан, барои дар интернет ҷойгир кардани сомона домен зарур мешавад. Барои гирифтани домен соҳиби сомона бо қайдгирандаи домен шартнома мебандад. Ва қадами сеюм: барои ҷойгир кардани сайт дар доираи домени муайян дар интернет, соҳиби сайт бо провайдери хост шартнома мебандад. Провайдери хост сайтро дар сервери худ, ки шабонарӯз ба интернет пайваст аст, ҷойгир мекунад. Ҳамин тариқ, сайт дар интернет дастрас мегардад.

Ҳамзамон, агар соҳиби сомона имкони дар сервери худ ҷойгир кардани сомонаашро дошта бошад, пас ба ӯ лозим нест, ки бо созандаи вебсайт ва провайдери хост тамос гирад. Аммо ингуна субъектҳо каманд, зеро барои хост - провайдер ва созандаи вебсайт будан ба субъект малакаҳои махсуси касбӣ лозиманд.

Сохтори дохилии сайт дорои ҷузъҳои асосии зерин аст: шаблон, модул ва мазмун.

Шаблонҳои вебсайтро аксар вақт бо ҳуҷҷати холӣ муқоиса мекунанд. Он барои ташкили сайт истифода мешавад, яъне ин шабеҳи шаклест, ки бо мундариҷа пур карда шуда, барои дастрасӣ ба интернет пешниҳод карда шудааст.

Шаблонҳо инчунин модулҳоро дар бар мегиранд. Модул порчаи сайтест, илова ба маълумоти асосии сайт мебошад. Масалан, сайтҳо аксар вақт чунин ҷузъҳоро доранд: баннерҳо, ҷустуҷӯ, бойгонӣ, омор ва ғайра. Модул шаклест, ки бо мундариҷа пур карда мешавад.

Мазмуни сайт метавонад намудҳои гуногуни иттилоот ва маводи моликияти зеҳниро дар бар гирад, аз ҷумла иттилооти оммавӣ, асарҳо, фонограмма, барномаҳои телевизион ва радио, аксҳо ва ғайра.

Ҳамин тариқ, барои мавҷудияти сайти интернетӣ на танҳо ҷузъҳои дохилии он (шаблон, модул, мазмун), балки ҷузъҳои берунӣ (номи домен ва хост) низ заруранд, ки бо ёрии онҳо сомона бо таври комил дар интернет дастрас мегардад.

Сайт метавонад ба монанди ҳама гуна файлҳое, ки мо дар компютер нигоҳ медорем берун аз интернет вуҷуд дошта бошад, аммо дар ин ҳолат онро сайти интернетӣ наменоманд. Барои он ки он сайти интернетӣ шавад, он бояд зери номи домени мушаххас дар сервери провайдери хост ҷойгир ва тавассути интернет дастрас бошад.

Аксари мутахассисон ба он назаранд, ки сомона асари таркибӣ мебошад. Мувофиқи моддаи 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он", мураттиби маҷмӯаҳо ва дигар асарҳои таркиби барои интихоб ва ҷобаҷогузории маводе, ки аз тарафи вай анҷом дода шудааст ва натиҷаи меҳнати эҷоди (мураттиби) ҳисоб меёбад, дорои ҳуқуқи муаллиф мебошад. Мураттиб дар сурате метавонад аз ҳуқуқи муаллиф истифода намояд, ки ҳуқуқи муаллифони ҳар яке аз асарҳои дар асари таркиби пойдодашударо риоя намояд.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки вақте вебсайт эҷод карда мешавад, чун қоида, сабти ҳатмии таъсиси он талаб карда намешавад. Истифодаи аломати ҳуқуқи муаллиф (яъне) дар сайти интернет комилан имконпазир аст.

Ҳангоми ташкили сомона зарурат пайдо мегардад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои соҳиби сайт муайян карда шавад. Дар моддаи 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" муқаррар шудааст, ки нoшири энсиклопедияҳо, ҳуҷҷатҳои энсиклопедӣ, маҷмӯаҳои корҳои илмии даврӣ ва бардавом, рӯзнома, маҷалла ва дигар нашрияҳои даври дорои ҳуқуқи комили истифодаи ин нашрияҳо мебошад. Ҳангоми ҳар гуна истифодаи чунин нашрияҳо ношир ҳуқуқ дорад унвони худро зикр намояд ва ё зикри онро талаб кунад. Муаллифони асарҳое, ки ба чунин нашрияҳо дохил карда шудаанд, ҳуқуқи комили худро барои истифодаи асарҳои худ, сарфи назар аз нашрия, нигоҳ медоранд, ба шарте ки дар шартномаи муаллифӣ чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Дар ин ҷо сомона мустақиман зикр нашудааст. Дар робита ба ин, саволе ба миён меояд, ки оё истифодаи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолкии муаллиф нисбат ба сайт имконпазир аст?

Мувофиқи моддаи 15-16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он", муаллиф соҳиби ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ (ҳуқуқи эътирофи муаллифият ба асари офаридашуда (ҳуқуқи муаллифӣ); ҳуқуқи истифода ё иҷозати истифодаи асар бо номи ҳақиқии муаллиф, тахаллуси ӯ ва ё бе зикри ном, яъне беимзо (ҳуқуқи ном); ҳуқуқи интишор ё иҷозати интишори асар дар ҳар шакл (ҳуқуқи интишор), аз ҷумла ҳуқуқи бозхонд; ҳуқуқи ҳифзи асар, аз ҷумла унвони он аз ҳар гуна таҳрифкорӣ ва дигар навъи дахолат, ки метавонад ба номус ва шаъни муаллиф зарар расонад (ҳуқуқи ҳифзи эътибори муаллиф); ҳуқуқи дахлнопазирии асар) ва ҳуқуқҳои молумулкӣ (таҷдиди асар (ҳуқуқи таҷдид); паҳн кардани нусхаҳои асар бо ҳар тарз: фурӯхтан, ба кироя додан ва ғ. (ҳуқуқи

паҳнкуни); ворид кардани нусхаҳои асар бо мақсади паҳнкунӣ, аз ҷумла нусхаҳое, ки бо иҷозати соҳиби ҳуқуқи комил таҳия шудаанд (ҳуқуқи воридот); намоиши оммавии асар (ҳуқуқи намоиши оммавӣ); иҷрои оммавии асар (ҳуқуқи иҷрои оммавӣ); ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи пахши эфирӣ ва (ё) пахши минбаъдаи эфири (ҳуқуқи пахши эфирӣ); ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи кабел ё тавассути дастгоҳҳои дигари ба он монанд (ҳуқуқи пахши кабелӣ);  тарҷумаи асар (ҳуқуқи тарҷума); таҷдиди коркард, аранжировка ва ё навъи дигари коркард (ҳуқуқи коркард);  ба маълумоти умум расонидани асар барои истифодаи интерактивӣ (ҳуқуқи ба маълумоти умум расонидан)) мебошад.

Ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқ ба ном аслан ба шахси воқеӣ мутааллиқ аст, зеро тибқи қонунгузории амалкунанда, танҳо шахси воқеӣ муаллиф ҳисобида мешавад. Шахсони ҳуқуқӣ инчунин метавонанд соҳиби ҳуқуқҳои молумулкии муаллифӣ ба сомона бошанд. Қонунгузор пешбинӣ мекунад, ки ношир ҳуқуқ дорад номи худро дар ҳама гуна истифодаи чунин нашрияҳо нишон диҳад ё чунин нишондодро талаб кунад (моддаи 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он").  Аммо ба фарқ аз муаллиф (шахси воқеӣ), ки метавонад асарашро бидуни зикри ном ё бо тахаллуси худ нашр кунад, мақомоти давлатӣ ки соҳиби сомона мебошанд чунин рафтор карда наметавонанд. Онҳо тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қоидаҳои ягонаи вебсайтҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии деҳот ва деҳот дар интернет" аз 10 июли соли 2017, No344, бояд номи мақомотро дар сомона дарҷ намоянд.

Истифодаи ҳуқуқи интишор дар сомона низ хусусиятҳои хоси худро дорад. Бояд дар назар дошт, ки муаллиф, агар нахоҳад, метавонад асари худро нашр нанамояд. Аммо мақомотӣ давлатӣ тибқи талаботи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, ки сомонаи худро ташкил карда, онро дастраси мардум намояд.

Ҳуқуқи дахлнопазирии асар ва ҳуқуқи ҳифзи асар  ба сомона пурра татбиқпазир аст.

Мувофиқи моддаи 15-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он", муаллиф ҳуқуқ дорад қарори қаблӣ дар бораи нашри асарро (ҳуқуқи бозхондан) рад кунад, ба шарте ки ба истифодабарандаи асар зарари дар натиҷаи чунин асар расонидашуда ҷуброн карда шавад. Агар асар оммавӣ гашта бошад, пас муаллиф вазифадор аст дар бораи бозхонди он ба таври ошкоро хабар диҳад. Дар чунин ҳолат, вай аз ҳисоби худ нусхаҳои ин асарро, ки қаблан бароварда шуда буд, аз муомилот мегирад.

Истифодаи ҳуқуқи бозхондан нисбати сомона баҳсбарангез аст. Ин ба хусусияти технологии сомона вобаста аст. Соҳиби сомона метавонад маводи баҳсиро аз сомонааш хориҷ намояд, аммо тамоми сомонаро бастан зарурат надорад.

Ҳамин тариқ, татбиқи ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ аз ҷониби муаллиф нисбат ба сомона қисман имконпазир аст. Ҳоло истифодаи ҳуқуқҳои молумулкии муаллифиро нисбат ба сомона дида мебароем.

Ҳуқуқи нусхабардории сомона дар назари аввал имконпазир аст, аммо дар таҷриба он натиҷабахш нест. Зеро сомона асаре аст, ки хусусияти динамикӣ дорад ва он рӯз ба рӯз такмил меёбад. Нашри дубораи маводҳои алоҳида аз сомона имконпазир аст, аммо азбаски сомона ҳамзамон бо домен ва хостинг алоқаманд аст ва аксаран характери динамикӣ дорад, дубора тамоми сомонаро нашр кардан ғайриимкон аст (хусусан айнан чунин домен дуюмбора вуҷуд дошта наметавонад). Барои аз нав чоп кардани баъзе маводҳо, ки қисми таркибии сомона мебошанд, бояд иҷозати соҳиби ҳуқуқи муаллифӣ гирифта шавад, агар ин мавод таҳти низоми қонунии истифодаи ройгон қарор нагирифта бошад.

Ҳуқуқи паҳн кардани асар аслан ба асарҳои "муқаррарӣ", ки дар воситаи моддӣ сабт ёфтаанд, тааллуқ дорад. Дар ин ҳолат нусхаи асари алоҳида (китоб, рӯзнома, маҷалла ва ғайра) тавассути фурӯш ё ройгон бегона карда мешавад.

Агар асар нашр шавад, пас онро паҳн кардан мумкин аст. Аммо ҳуқуқи паҳн кардани асар хоси сомона нест. Сабт кардани тамоми маводи сомона дар воситаҳои моддӣ (диск, корт ва ғайра) ва фурӯхтани онҳо фоидаовар нест, зеро онҳоро дар худи интернет ёфтанаш осонтар аст.

Ҳуқуқи намоиши оммавии асар низ ба интернет хос нест. Зеро сомона аллакай тавассути интернет ба омма дастрас аст.

Ҳуқуқ ба иҷрои оммавӣ низ хоси сомона нест, зеро иҷро ҳамчун усули истифодаи асарҳо ба мусиқӣ, хониши бадеӣ, намоиши саҳнавӣ, асарҳои аудиовизуалӣ дахл дорад.

Татбиқи ҳуқуқи воридот барои вебсайт низ баҳсбарангез аст. Ҳуқуқи воридот ба асарҳои "анъанавӣ" дахл дорад, аммо азбаски худи интернет аллакай тақрибан дар тамоми ҷаҳон дастрас аст, истифодаи чунин ҳуқуқ ба сомона низ дахл надорад.

Ҳуқуқи пахш дар эфир ё тавассути кабел низ нисбати сомона ғайривоқеист, зеро пахши эфирӣ ва кабелӣ дар саросари ҷаҳон нисбат ба интернет гарон аст. Дар ин ҷо вазъияти баръакс ба вуҷуд омадааст, яъне пахши телевизион ва радио дар эфир ё телевизиони кабелӣ тавассути интернет паҳн шуда истодааст. Масалан, ТВ "Сафина", "Шабакаи Якум", ТВ "Ҷаҳоннамо" ва ТВ "Баҳористон" онлайн ( http://ru.teleradiocom.tj/online-tv/) пахш мешаванд.

Ҳуқуқ ба тарҷума ва коркард нисбат ба сомона мувофиқ аст. Агар ҳуқуқи молумулкӣ ба сомона тибқи созишнома интиқол дода шавад, он гоҳ соҳиби нав метавонад сомонаро тарҷума ва коркард намояд.

Ҳуқуқи ба маълумоти умум расонидани асар низ ба он сомонае татбиқ карда мешавад, ки ҳанӯз дар интернет гузошта нашудааст.

Дар натиҷа, ҳуқуқҳои молумулкие, ки дар моддаи 16-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" муқаррар шудааст, аз рӯи имкониятҳои воқеии татбиқи онҳо нисбат ба сомона ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- ҳуқуқҳои молумулкие, ки ба сомона татбиқ карда мешаванд (ҳуқуқ ба тарҷума ва коркард, ҳуқуқи ба маълумоти омма расонидан);

- ҳуқуқҳои молумулкие, ки татбиқи онҳо нисбати сомона ғайриимкон мебошанд (ҳуқуқ ба намоиши оммавӣ, ҳуқуқи воридот, ҳуқуқи нусхабардорӣ, ҳуқуқ ба иҷрои оммавӣ, ҳуқуқи пахши эфирӣ ё кабелӣ).

Ҳамзамон, сомонаҳо аз рӯи мансубияти худ ба сомонаҳои шахсони воқеӣ (бештар онҳоро блогҳо ё сомонаҳои иҷтимоӣ меноманд) ва сомонаи ташкилотҳо (давлатӣ ва ғайридавлатӣ) тақсим карда мешаванд.

Гурӯҳи якуми сомонаҳо ҳамеша нисбат ба дуввум бештар масоили ҳуқуқӣ ва мушкилот доранд. Вазифаҳое, ки тавассути сомонаҳои ташкилотҳо ҳал карда мешаванд, ҳамеша мушаххасанд ва масъулони ин сомонаҳо кӯшиш мекунанд, ки аз дастурҳои онҳо берун нараванд. Аммо шабакаҳои иҷтимоӣ ҳадафҳои рӯшан надоранд. Масалан, вақте инсон субҳ ба кор шурӯъ мекунад, медонад, ки куҷо равад ва чӣ кор кунад. Аммо вақте ки шахс кор намекунад, ӯ субҳ ба кӯча мебарояд ва фикру рафтори ӯ ба он равона карда шудааст, ки диққати ӯро чӣ ҷалб мекунад ва чӣ ба ӯ шавқовар аст.

Ҳамин тариқ, дар сайтҳои иҷтимоӣ мушкилоти гуногун ба миён омада метавонанд: паҳн кардани аксҳо бидуни иҷозати соҳибони ҳуқуқи муаллиф, таҳқир, тӯҳмат ва ғайра. Ҳарчанд ин гуна мушкилот метавонанд дар сайтҳои дигар низ ба миён оянд, аммо аз сабаби он ки кори онҳо бомақсад сурат мегирад, дар он ҷо назорат бештар аст.

Дар сомонаҳои иҷтимоӣ фазо ва озодӣ бештар аст. Аъзои онҳо худро озодтар эҳсос мекунанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ вақтҳои охир манбаи зарар на танҳо ба шахсони алоҳида, балки барои тамоми ҷомеа низ гаштанд. Таъсири ин шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷаҳонбинии аҳолӣ, алахусус ҷавонон, бузург аст, таърих чунин шакли таъсиррасониро ёд надорад. Аз ин рӯ, кишварҳои мухталиф барои безарар кардани омилҳои манфии ин гуна сомонаҳо чораҳои гуногуни пешгирикунанда андешида истодаанд. Дар ин бора футболбози машҳур Месси ба мухлисонаш муроҷиат карда, онҳоро ба риояи тартибот ба шабакаҳо даъват намуд.[3] Билл Ҷонсон, вакили Ҳизби демократи ИМА зикр кард, ки Фейсбуку Твиттеру Гугл ҳамон рафтореро мекунанд, ки ширкатҳои истеҳсоли тамоку даҳсолаҳо пеш доштанд, яъне медонистанд, ки сигор барои сиҳатии ҷомеа зиён дорад, вале онро пинҳон медоштанд. Ӯ гуфт: "Ширкатҳои бузург дар воқеъ ба дасти бачаҳои мо сигори

[3] Лионель Месси выступил против дискриминации в социальных сетях. – Реҷаи дастрасӣ: https://regnum.ru/news/3259286.html (санаи дастрасӣ: 04.05.2021).

рӯшанкардаро медиҳанд ва умедворанд, онҳо то охири умр муътоди он мемонанд”[4].

Яке аз мушкилоти аслии корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ин аст, ки онҳо маводи зиёди ғайриқонуниро ҷой медиҳанд ва ин провайдер ё соҳиби ҳуқуқи муаллифии сайтро дар ҳолати “душвор” қарор медиҳад. Аз як тараф, соҳиби ҳуқуқи муаллиф аз интишори чунин мундариҷаи ғайриқонунӣ хабар надорад ва дар он ширкат намекунад, аммо аз тарафи дигар, ин дар “қаламрави электронӣ” - и ӯ рух медиҳад ва худи ӯ амалан имкони ҳаматарафа тафтиш кардани ҳама чизро надорад. Аз ин рӯ, дар таҷрибаи байналмилалӣ принсипи “масъулияти гунаҳгор” татбиқ карда мешавад, яъне провайдер барои он чизе масъул нест, ки агар ӯ дар бораи маводи ғайриқонуние, ки аз ҷониби субъектҳои дигар дар манбааш ҷойгир карда шудаанд, намедонист ва набояд низ донад. Ва агар ӯ дар бораи чунин мавод огоҳӣ пайдо кунад, пас бояд чораҳои дахлдор андешад (онро хориҷ намояд), то ин гуна мавод ба дигарон зарар нарасонад.

**Creative Commons - воситаи ҳуқуқии истифода аз объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти зеҳнӣ тибқи моддаи 40-и Конститутсия таҳти ҳимояи қонун мебошад. Ҳамзамон, муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба моликияти зеҳнӣ дар сандаҳои гуногуни ҳуқуқӣ муфассал танзим шудаанд, хусусан тартиби истифодаи объектҳои ҳуқуқҳои муаллиф дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” пешбинӣ гардидааст. Дар ҳамин радиф Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои байналмилалиро доир ба моликияти зеҳнӣ ба тасвиб расонидааст. Умуман танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба моликияти зеҳнӣ дар сатҳи байнламилалӣ бо таври густруда ба роҳ монда шудааст. Аммо ба ин қаноат накарда, дар ҷараёни рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, хусусан интернет ақидаҳое ба вуҷуд омаданд, ки дар баробари ҳуқуқи муаллиф дигар воситаҳоро барои истифода аз объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ дар ҳаёт такон доданд ва яке аз онҳо таҳти унвони Creative Commons машҳур аст.

**Creative Commons** ба забони тоҷикӣ шартан “ҷомеаи эҷодкорон” тарҷума мешавад. Мақсади ин ташкилот аз он иборат аст, ки соҳибони ҳуқуқҳои муаллифӣ бо истифода аз аломатҳои шартӣ қисме аз ҳуқуқҳои амволии худро ба ҷомеа барои истифодаи озод ва ройгон (ки онҳоро иҷозатнома мегӯянд) иҷозат дода тавонанд ва қисми дигарро барои худ нигоҳ доранд.

Creative Commons иҷозатномаҳоеро пешниҳод намудааст, ки онҳо аз чор аломати шартӣ иборат мебошанд ва ҳар яке аз онҳо барои истифодабарандаи асар дар

[4] Вакилони амрикоӣ аз мудирони Фейсбук ва Гуглу Твиттер дар бораи дурӯғпароканӣ пурсиданд. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.ozodi.org/a/31170909.html (санаи муроҷиат: 20.04. 0221)

барои имконоти истифодабарии асар хабар медиҳад. Чунин аломатҳои шартӣ истифода мешаванд:

CC-BY - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки истифодабаранда бояд номи муаллифро, тавре ки муаллиф интихоб кардааст, ёдрас шавад;

CC-NC (Non-commercial) - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки истифодаи асар бо мақсади гирифтани фоида манъ аст;

CC-ND (No Derivative Works) - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки дар заминаи асар таҳияи асари дигар манъ аст;

CC-SA (Share Alike) - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки паҳн, нусхабардорӣ ва коркарди асар иҷозат дода шудааст, ба шарте ки асари бавуҷудомада бо ҳамин шарт паҳн карда шавад.

Бо истифода аз ин аломатҳо одатан 6 намуди иҷозатнома дода мешавад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, паҳн ва ғ.), аммо бояд: 1) номи муаллифро зикр намояд; 2) асарро бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода кунад; 3) дар заминаи ин асар асари дигарро таҳия накунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, тарҷума, паҳн ва ғ.), аммо бояд: 1) номи муаллифро зикр намояд; 2) асарро бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода кунад; 3) метавонад дар заминаи асар асари нав таҳия кунад, аммо боз бо ҳамин шарт бояд онро паҳн кунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, тарҷума, паҳн ва ғ.), аммо бояд: 1) номи муаллифро зикр намояд; 2) асарро бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода кунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, паҳн ва ғ.), аммо: 1) бояд номи муаллифро зикр намояд; 2) дар заминаи асар асари нав таҳия накунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, паҳн ва ғ.), аммо: 1) бояд номи муаллифро зикр

намояд; 2) метавонад дар заминаи асар асари нав таҳия кунад, вале боз бо ҳамин шарт бояд онро паҳн кунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломат дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад, аммо бояд номи муаллифро зикр намояд. Боқимонда амалҳо озод аст - яъне истифодабаранда метавонад аз он нусха бардорад ва бо мақсади тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ онро паҳн кунад, дар заминаи ин асар, асари нав эҷод кунад ва паҳн намояд.

Creative Commons фаъолияти худро аз соли 2001 оғоз намудааст. Қароргоҳи ин ташкилот дар Сан-Франсиско буда, асосгузори он Лоуренс Лессиг мебошад. Таҷрибаи Creative Commons дар зиёда 55 давлати ҷаҳон мавриди истифода қарор гирифтааст ва дар дигар давлатҳо истифодабарии он оғоз шуда истодааст[5].

Дар маҷмӯъ иҷозатномаҳои Creative Commons (CC) дар заминаи ҳуқуқи муаллиф пайдо шудаанд. Агар ҳуқуқи муаллиф дар асоси “ҳама ҳуқуқҳо ба муаллиф мутаалиқ мебошанд” амал намояд, пас тибқи Creative Commons “баъзе аз ҳуқуқҳоро муаллиф барои худ ҳифз намуда, боқимондаро ба дигарон барои истифодаи озоду ройгон имкон додааст” (маълумоти муфассал доир ба масъалаҳои вобаста ба Creative Commons дар сайти https://creativecommons.org мавҷуд аст).

Тибқи моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи муалллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” соҳиби ҳуқуқи комили муаллиф барои огоҳ сохтан аз ҳуқуқи худ метавонад аз аломати ҳифзи ҳуқуқи муаллиф истифода кунад, ки он дар ҳар як нусхаи асар сабт ёфта, аз се унсур иборат мебошад:

1) ҳарфи лотинии “C”, ки дар дохили доира аст (C);

2) ном (унвон)-и соҳиби ҳуқуқи комили муаллиф;

3) соли нашри аввали асар.

Мавҷудияти аломати ҳифзи ҳуқуқи муаллиф дар асар хусусияти ҳатмӣ надорад. Он вазифаи иттилоотӣ дорад, яъне аз соҳибҳуқуқ ба ҷомеа дарак медиҳад. Аммо аломатҳои Creative Commons на танҳо аз соҳибҳуқуқ дарак медиҳанд, балки ифодакунандаи “лоиҳаи шартномаи муаллифӣ, лоиҳаи шартномаи литсензионӣ” низ мебошанд. Шаш намуд иҷозатномае, ки дар боло номбар кардем, ҳар кадомашон муфассал мисли лоиҳаи шартнома шарҳ дода шудааст ва онҳо дар давлатҳои баъдишуравӣ бо забони русӣ, қазоқӣ, украинӣ тарҷума шудаанд (нигаред ба сайти - http://habrahabr.ru/post/92625/).

Асарҳое, ки бо иҷозатномаи Creative Commons паҳн шудааст, барои эҷодкорон имкони хуб ба шумор меравад. Яъне онҳо муаллифро ҷустуҷӯ

[5] Использование лицензий Creative Commons в Российской Федерации. Аналитический доклад /Под ред. Ю.Е. Хохлова. – М.: Институт развития информационного общества, 2011.с. 7.

намекунанд, то ин ки аз ӯ иҷозат гиранд. Зеро тавассути иҷозатномаҳо аллакай худи муаллиф мушаххас кардааст, ки кадом ҳуқуқҳо барои омма дастрас аст. Баъдан зарурати раванди шартномабандӣ мураккаб ва дурудароз нахоҳад буд. Зеро муаллиф худ аллакай ҳуқуқҳои муайяни худро барои истифода ба омма пешкаш намудааст (монанди оферта) ва онро қабул намуда, амал кардан (аксепт) тибқи талаботи иҷозатномаи муайяншуда кофист. Танҳо тавассути интернет дидан зарур аст, ки иҷозатномаи дар асар гузошташуда чӣ маъно дорад. Доир ба ҳар иҷозатнома дар интернет маълумоти муфассал гузошта шудааст (нигаред ба сайтҳои - https://creativecommons.org/, https://ru.wikipedia.org/wiki/Creative_Commons).

Муаллиф тавассути иҷозатномаҳои Creative Commons асарашро ройгон пешниҳод менамояд, ки ин имкон медиҳад, бидуни пардохти ҳаққи калам аз асари ӯ истифода кард.

Он ҳуқуқҳое, ки муаллиф дар заминаи Creative Commons ба худ нигоҳ доштааст, комилан бо риояи қонунгузории муаллиф бояд сурат гирад.

Қисми зиёди муаллифон дар асарҳои худ, аломати C-ро нишон медиҳанд, аммо сарфаҳм намераванд, ки он чӣ маъно дорад, танҳо бо тариқи умумӣ шарҳ дода метавонанд, ки ҳуқуқҳои муаллифии онҳо ҳифз шудааст. Аммо онҳое, аз Creative Commons истифода мебаранд (яъне асарҳояшонро таҳти Creative Commons паҳн мекунанд), бештар дар бораи бо таври васеъ паҳн намудани асари худ андеша менамоянд.

Аслан ба Creative Commons аз нуқтаи назари мусбат ва манфиатҳо назар намудан хуб аст. Яъне ин яке аз роҳҳои қонунии озод ва ройгон истифода ва паҳн кардани моликияти зеҳнӣ аст ва табиист, ки ҳангоми рушди он бозори “монополияҳо” ва “плагиатҳо” маҳдуд мешавад. Дар интернет зиёда аз 580 миллион мавод таҳти иҷозатномаҳои Creative Commons монда шудааст. Ҳамватанони мо метавонанд аз он истифода баранд. Аз асарҳо барои кӯдакон, то асарҳои илмӣ таҳти иҷозатномаҳои Creative Commons нашр шудаанд, ки ҳар рӯз онҳо дар гардиш мебошанд. Аллакай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарандагони иҷозатномаҳои Creative Commons ҳастанд. Масалан, Фонди Ҷамъиятии Ташаббуси Шаҳрвандии Сиёсати Интернет (http://cipi.tj/) ва Маҷаллаи электронии ICD4D (http://ict4d.tj/tj/) кайҳо боз асарҳои ба онҳо тааллуқдоштаро дар интернет таҳти иҷозатномаҳои Creative Commons монда истодаанд.

Эҳтимолияти зарарҳо аз Creative Commons шояд ба вуҷуд ояд (масалан, асари каси дигарро таҳти Creative Commons бидуни розигии ӯ паҳн кардан), аммо ба хотири зарарҳои эҳтимолӣ аз Creative Commons даст кашидан ғайриқобили қубул аст. Зеро эҳтимол ва таваккал тамоми лаҳзаҳои ҳаётро пайгиранд ва инсоният бояд барои муқовимат бо онҳо омода бошад.

Талаботҳои Creative Commons бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд, баръакс дар бисёр ҳолатҳо мувофиқанд. Албатта ҳастанд ҳолатҳои баҳснок, аз ҷумла доир ба “ройгон будани истифодаи асарҳо таҳти Creative Commons”, “шакли бастани шартнома” ва ғ.

Тибқи моддаи 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" дар шартномаи муаллифӣ шарт оид ба андозаи ҳаққи қалам ҳатмист ва он бояд на камтар аз андозаи ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф, ки он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад, бошад.

Иҷозатномаҳои Creative Commons асосан ройгон мебошанд. Саволе ба вуҷуд меояд, ки оё мешавад шахсро маҷбур намуд, ки ӯ ҳаққи қаламашро гирад? Оё шахс наметавонад аз ҳаққи қаламаш даст кашад? Қонунгузор дар моддаҳои 19, 20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" ҳолатҳои истисноии ройгон истифода кардани асари муаллифро ба фоидаи ҷамъият муқаррар кардааст, пас чаро худи муаллиф ройгон истифода бурдани асарашро ба фоидаи ҷамъият муқаррар карда наметавонистааст?

Олими машҳури рус дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф, Гаврилов Э.П., меъёри ҳамрадиф ба ҳаққи қалами дар моддаи 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" (ҳамин меъёр дар қонунгузории ФР низ вуҷуд дошт) бударо чунин тафсир намудааст: Муаллиф ё дигар фурӯшанда метавонад аз ҳаққи қалами муаллиф даст кашад ва ҳуқуқи амволиашро ройгон пешниҳод намояд. Ба инобат гирифтан зарур аст, ки шартномаи муаллифӣ мисли дигар шартномаҳои гражданӣ тибқи қоидаи умумӣ музднок ҳисобида мешавад. Бинобар ин ройгон будани шартномаи муаллифии басташударо ҳангоми баҳс ҷавобгар бояд исбот намояд[6].

Масъалаи дигар ин шакли шартнома аст, ки баҳсро дар атрофи иҷозатномаҳои Creative Commons ба вуҷуд овардааст. Шартномаҳои муаллифӣ бо тариқи хаттии оддӣ баста мешаванд. Аммо шартномабандӣ ҳангоми истифодаи Creative Commons бо тариқи интернет сурат мегирад, яъне агар дар асар аломати Creative Commons бошад, мо агар бо он розӣ бошем, метавонем истифода барем (бо ҳаркати худ пешниҳодро қабул менамоем) ва ҳамин тариқ, ифодаи иродаи тарафҳо маълум мегардад. Дар моддаи 185-и Кодекси гражданӣ пешбинӣ шудааст, ки "ҳангоми бастани аҳд истифодаи акси айнии имзо бо ёрии воситаҳои нусхабардории механикӣ ё воситаи дигар, имзои электронию рақамӣ ё шакли дигари имзои шахсӣ дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонун ё созишномаи тарафҳо роҳ дода мешавад. Агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, мубодилаи мактуб, барқия (телеграмма), телефонограмма, телетайпограмма, факс ва ҳуҷҷатҳои дигари муайянкунандаи субъектҳо ва мавзӯи ифодаи иродаашон ба шакли хаттии анҷоми аҳдбандӣ баробар карда мешавад".

Ин ҷо аҳамият додан зарур аст, ки ҳангоми истифодаи Creative Commons имзо бо он шакле, ки маъмулан истифода мешавад вуҷуд надорад, аммо мантиқан дар баробари гузоштани аломати Creative Commons муаллиф ё соҳибҳуқуқ ному насаби худро менависад, ки ин ҳам як шакли имзогузорӣ ҳисобидан мумкин аст. Зеро шахсоне, ки ҳангоми имзогузорӣ ному насабро менависанд зиёд аст.

---

[6] Гаврилов Э.П. Комментарий к закону РФ "Об авторском праве и смежных правах". Судебная практика. - М.: Экзамен, 2002. С. 203.

Имзогузорӣ ин шакли ифодаи ирода аст, вақте ки муаллиф аломати Creative Commons-ро дар асараш гузошта, ному насаби худро менависад ин ҳам шакли ифодаи ирода аст. Ҳатман имзо дар шакли электронии рақамӣ ба назари мо ин ҷо зарур нест. Дар Украина ва Қирғизистон бо сабаби истифода нашудани имзои электронӣ дар ҳамин маврид истифодабарии Creative Commons-ро зери танқид гирифтаанд.

Бархӯрд бо падидаи нав дар ҳар ҷомеа ҳар хел сурат мегирад, ин албатта вобаста аз сатҳи ҷаҳонбинӣ ва дарки масъала аст. Масалан, дар Русия барои мавриди истифода қарор додани Creative Commons ақидаҳои мухолиф, яъне ҳам тарафдорон ва ҳам шахсони муқобилфикр ҳастанд. Аммо дар давоми солҳои охир на танҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ аз Creative Commons истифода мебаранд, инчунин дар сайти мақомоти давлатии Русия (масалан, мақомоти давлатии Бошқордистон маводи худро таҳти Creative Commons гузоштааст - www.bashkortostan.ru) низ фаъолона аз Creative Commons истифода мебаранд. Ба ин масъала ҳатто диққати собиқ Президенти Русия, Д.А. Медведев ҷалб шуда буд ва бо супориши ӯ аз 2 июни соли 2011 таҳлил ва пешниҳодҳо омода шуда буданд. Дар он таҳлил хулосабарорӣ шуда буд, ки "иҷозатномаҳои озод дар Русия ғайриқонунӣ нестанд ва васеъ истифода мебаранд, аммо азбаски дар Русия танзими мушаххаси он вуҷуд надорад истифодабарии онҳо таваккал дорад[7]".

Дар сатҳи қонунгузории Русия низ тағйироти вобаста ба Creative Commons ворид шудаанд. Масалан, моддаи 1286 (1)-и КГ ФР илова карда шуд ва он хусусиятҳои иҷозатномаи Creative Commons-ро фаро мегирад.

Ҳамзамон дар моддаи 460-и КГ ҶТ шартномаи ҳамроҳшавӣ пешбинӣ шудааст, ки "шартномаи ҳамроҳшавӣ шартномаест, ки шарти онро як тараф дар шакли тавсия (формуляр) ё дигар шакли стандартӣ пешниҳод намудааст ва онро тарафи дигар танҳо бо роҳи пурра ҳамроҳ шудан ба шартномаи пешниҳодгардида қабул мекунад". Ҳолатҳои шартномаи ҳамроҳшавӣ ба истифодаи Creative Commons бисёр мувофиқ аст. Зеро истифодабарандаи асар аз шартҳое, ки дар аломатҳои Creative Commons зикр шудаанд огоҳ шуда, онро пазирой мекунад ва ҳамроҳ мешавад.

Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ талаботҳои Creative Commons бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад, айни ҳол низ онро истифода бурдан имкон дорад, аммо барои эътимод, аз байн бурдани шубҳа, нофаҳмиҳо ва кам намудани таваккал омӯзиш ва дар ин партав такмил додани қонунгузорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

## Масъалаҳо

[7] Использование лицензий Creative Commons в Российской Федерации. Аналитический доклад /Под ред. Ю.Е. Хохлова. – М.: Институт развития информационного общества, 2011.с. 16.

**Масъалаи №1.** Самад асарҳои худро таҳти иҷозатномаи Creative Commons дар интернет гузошт. Асарҳои ӯро Аҳмад аз интернет гирифта тарҷума намуд ба фурӯш баровард. Самад нисбати Аҳмад даъво намуд. Оё Самад ҳуқуқи даъво намудан дорад?

**Масъалаи №2.** Аҳмад сайти худро дар интернет фаъол кард. Самад аз сайти Аҳмад маводҳоро гирифта, бе иҷозати муаллиф ва Самад тарҷума намуда, дар саҳифаи фейсбукии худ нашр намуд, аммо ҳангоми нашр номи муаллифонро дар зери асарҳо навишт. Самад нисбати Аҳмад даъво кард. Аҳмад ҷавоб дод, ки ҳар асаре, ки дар интернет гузошта мешавад, маънои онро дорад, ки муаллифаш розӣ аст, ки он нусхабардорӣ, тарҷума ва паҳн карда шавад. Ба амалҳои Аҳмад баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

## Тестҳо

**№1. Кадом ҳуқуқҳои ғайримолумулкии муаллиф нисбати сомонаҳо татбиқ намешавад?**

А) Ҳуқуқи эътирофи муаллифият ба асари офаридашуда (ҳуқуқи муаллифӣ);
Б) Ҳуқуқи истифода ё иҷозати истифодаи асар бо номи ҳақиқии муаллиф, тахаллуси ӯ ва ё бе зикри ном, яъне беимзо (ҳуқуқи ном);
В) Ҳуқуқи интишор ё иҷозати интишори асар дар ҳар шакл (ҳуқуқи интишор);
Г) Ҳуқуқи бозхонд;
Д) Ҳуқуқи ҳифзи асар, аз ҷумла унвони он аз ҳар гуна таҳрифкорӣ ва дигар навъи дахолат, ки метавонад ба номус ва шаъни муаллиф зарар расонад (ҳуқуқи ҳифзи эътибори муаллиф);
Е) Ҳуқуқи дахлнопазирии асар;
Ё) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**№2. Кадом ҳуқуқҳои молумулкии муаллифӣ нисбати сомонаҳо татбиқпазир ҳастанд?**

А) Ҳуқуқи таҷдид;
Б) Ҳуқуқи паҳн кардани нусхаҳои асар бо ҳар тарз: фурӯхтан, ба кироя додан ва ғ.
В) Ҳуқуқи воридот;
Г) Ҳеч кадом аз ҳуқуқҳои зикршуда нисбати сомонаҳо татбиқпазир нестанд.

**№3. Кадом ҳуқуқҳои молумулкии муаллифӣ нисбати сомонаҳо татбиқпазир ҳастанд?**

А) Ҳуқуқи намоиши оммавии асар;

Б) Ҳуқуқи иҷрои оммавӣ;

В) Ҳуқуқи ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи пахши эфирӣ ва (ё) пахши минбаъдаи эфирӣ (ҳуқуқи пахши эфирӣ);

Г) Ҳеч кадоме аз ҳуқуқҳои зикршуда нисбати сайт татбиқпазир нестанд.

**№4. Кадом ҳуқуқҳои молумулкии муаллифӣ нисбати сомонаҳо татбиқпазир ҳастанд?**

А) Ҳуқуқи ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи кабел ё тавассути дастгоҳҳои дигари ба он монанд (ҳуқуқи пахши ноқилӣ);

Б) Ҳуқуқи тарҷумаи асар (ҳуқуқи тарҷума);

В) Ҳуқуқи таҷдиди коркард, аранжировка ва ё навъи дигари коркард (ҳуқуқи коркард);

Г) Ҳеч кадоме аз ҳуқуқҳои зикршуда нисбтаи сайт татбиқпазир нестанд.

**№5. Кадом ҳуқуқҳои молумулкии муаллифӣ нисбати сомонаҳо татбиқпазир ҳастанд?**

А) Ҳуқуқи намоиши оммавии асар;

Б) Ҳуқуқи иҷрои оммавӣ;

В) Ҳуқуқи ба маълумоти умум расонидани асар барои истифодаи интерактивӣ (ҳуқуқи ба маълумоти умум расонидан);

Г) Ҳеч кадоме аз ҳуқуқҳои зикршуда нисбати сомонаҳо татбиқпазир нестанд.

## Саволҳои кори хаттӣ

- Мафҳуми моликияти зеҳниро шарҳ диҳед.
- Робитаи моликияти зеҳнӣ бо технологияҳои рақамиро шарҳ диҳед.
- Нармафзор чӣ гуна объект аст?
- Ҳуқуқҳои молумулкии муаллифӣ нисбати сайт.
- Ҳуқуқҳои ғайримолумулкии муаллифӣ нисбати сайт.
- Иҷозатномаи Creative Commons.

## Саволҳо барои худсанҷишӣ

Моликият зеҳнӣ чист?

Нармафзор чист?

Ба сайт кадом ҳуқуқҳои молумулкии муаллифӣ татбиқ мешавад?

Ба сайт кадом ҳуқуқҳои ғайримолумулкии муаллифӣ татбиқ мешавад?

Чанд иҷозатномаи Creative Commons вуҷуд дорад?

Иҷозатномаи Creative Commons бо қонунҳои Тоҷикистон мухолифат дорад ё не?

Иҷозатномаи Creative Commons ройгон аст ё музднок?

## Адабиёт


Михаил Рамендик. Безопасность компьютерных систем Microsoft и Open Source. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.nestor.minsk.by/sr/2003/07/30711.html (санаи мурoҷиат: 21.01. 2021).

Силсилаи дастурҳо барои ТКР барои ҷавонон. -Душанбе, 2012. - С. 65.

Вакилони амрикоӣ аз мудирони Фейсбук ва Гуглу Твиттер дар бораи дурӯғпароканӣ пурсиданд. – Реҷаи дастрасӣ: **https://www.ozodi.org/a/31170909.html** (санаи дастрасӣ: 20.04. 2021)

Использование лицензий Creative Commons в Российской Федерации. Аналитический доклад /Под ред. Ю.Е. Хохлова. – М.: Институт развития информационного общества, 2011.

Гаврилов Э.П. Комментарий к закону РФ "Об авторском праве и смежных правах". Судебная практика. - М.: Экзамен, 2002.